# Ояндаи журналистика: журналистикаи шабакавист

Мануэл Кастелс, Майкл Паркс, Брегте ван дер Хаак

## Бозандешӣ оид ба журналистика дар асри шабакаҳои рақамӣ

Дигаргуниҳои бо суръат рушдёбандаи ҷомеаи муосир, ки вобастагӣ ба рушди технология доранд, моҳияти журналистикаро дар тамоми ҷабҳаҳояш –истеҳсолот, интишор ва истифодаи маҳсули заҳмати рӯзноманигор  иваз менамояд. Мо шоҳиди пайдо шудани абзорҳо ва таҷрибаҳои нав мешавем, мо падидаеро эҳсос мекунем, ки ҳамзамон боиси зуҳури восита ва шеваҳои нави сохтани иттилоот ва мафҳуми тозаи  мавқеи журналистикаи касбӣ дар низоми нави расонаҳо мегардад. Дар кул ин дигаргуниҳо дар доираи рӯзноманигорон боиси нигаронӣ аз натоиҷи зараровари равандҳои нав, қабл аз ҳама дар нисбати  сифати рӯзноманигорӣ ва худ аз худ танг намудани рӯзноманигорӣ чун касб аст. Ҳол он ки мо муътақидемм, ки ин навгонӣ дар ҳақиқат  метавонад пули миёни журналистикаи имрӯз ва журналистикаи беҳтар ва журналистони бештар  мустақили фардо бошад.

Ин мақола маҳз ба мавзӯи муҳокимаи он бахшида шудааст, ки  чӣ тавр ва барои чӣ ин зуҳӯрот сурат хоҳад гирифт.
Дар муҳити рақамӣ,ки алҳол рӯзноманигорон фаъолият доранд, далелҳои нав  ҳар лаҳза, ҳар дақиқа бурӯз менамоянд; аудитория ба таври доимӣ аксуламал нишон медиҳад ва ин аксуламалҳо шакли медакомуникатсияро

мегиранд; овозҳои бештари намояндагони ҷомеа шунида хоҳанд шуд; фарзияҳои бештари инъикоси ҳодисаҳо ба мардум дастрас хоҳанд шуд; шумораи зиёдтари сужаву достонҳои иттилоотӣ пешниҳод мешаванд, ки акнун бойгониҳои рақамӣ ҷустуҷуяшонро имконпазир менамояд; теъдоди бештари мансабдорон зери назорати расонаҳо гирифта мешавад; шумораи бештари одамон ба дигаргуниҳои микёси ҷаҳонӣ тавассутии амалҳои одӣ, мисли сурат, видеои лаҳзаҳои асосӣ, шарҳу тафсирҳо ба блогҳо ё тавассути бознашри нигоштаҳои барояшон писанд ва ё муҳим фаро гирифта мешаванд.

Ин манзараи доимо дар ҳаракат, «шоҳиди»-и гуногуншакл ва ҳуҷҷатнигории воқеъият ҳеҷ ба таназзули журналистика шабоҳат надорад, баръакс гуёи рушди босуръати он аст. Оре, баръакс ба назар мерасад, ки касби журналистика дар ҳеҷ давру замоне, бо гуногунии шаклу муҳтавои барқосо тағйирёбанда, чун имрӯз зинда набуд. Агар мо, чун рӯзноманигор, ба кори ҷамъоварии иттилоот, шарҳу тафсири он, паҳн намудани он машғулем, пас, бидуни шак дар ин кор аз собиқа бештар имконият дорем. Ба анадозаи назаррас бештар кумак мегирем, аз ҷумла ба таври ройгон,ба андозе ки қаблан тассавур ҳам намекардем. Дар олами ноустувор ва саршор аз таваккули ниёз ба иттилооти ҷамъиятӣ, чунин менамояд, ки ниёз ба таҳлил ва шарҳу тафсир дар нуқтаи болотарини худ қарор доранд.

Пас чаро журналистика бояд дар буҳрон қарор дошта бошад?

Буҳрон дар журналистика ғолибан буҳрони шаклҳои кори анъанавии расонаҳои чопӣ ва электронӣ-паҳнкунандагони барномаҳои радио телевизионист (Garcia de Madariaga,

2008; Grueskin, Seave, Graves, 2011; McChesney & Nichols, 2010; Meyer, 2006). Шуруъ аз замоне ки истеъмолкунандагон метавонад иттилоотро аз сарчашмаи дилхоҳашон интихоб намоянд ва аксарашро бидуни сарфи маблағе, табиист ки одати маъмулан куҳна рӯ ба фаромушӣ меоварад, яъне камтар ба сарчашмаҳои суннатӣ мӯроҷиат мекунанд ва бештар ба иттилооти онлайнӣ ба ТВ ва радиоӣ кабелӣ ва моҳворавию телефонҳои ҳушмандашон. ( маърӯзаҳои Pew Research Center «The State of the News Media» ин равандро чанд сол пеш аз 2012 қайд намуда буданд). Барои ба пардохти қимати иттилоот омода будан, реклама аудиторияро то расидан ба интернет ҳамроҳӣ мекунад (Gluck & Roca, 2008), зиёда аз ин, аудиторияи қаблан васеи расонаҳои анъанавӣ ба қисматҳои хурди ҷудогона тақсим мешавад ва ин раванд медиаширкатҳоро маҷбур менамояд ки муҳтаворо ба завқи аудитория созгор намояд (Kaye & Quinn, 2010).Маҳз дар такя ба ҳамин ҷараён қобилиятнокии шаклҳои кории бар фуруши рекламаи маҳсулот асосёфтаи анъанавӣ коҳиш меёбад (Arsenault & Castells, 2008). Дар қиболи дигаргун шудани истеъмоли расонаҳо ширкатҳои иттилоотӣ барои нигоҳ доштани сатҳи даромади худ, маҷбуранд дар ҷустуҷуи навовариҳо бошанд ва онҳое ки ноком мешаванд, ширкатҳое ҳастанд, ки барои рушди хеш саъй намекунад. (Mersey, 2010). Ҳамаи ин иҷоза медиҳад, ки далели мавҷудияти буҳрони соҳаи расонаҳо собит шавад, вале ҳатмӣ нест, ки он бо буҳрони журналистика мусовӣ бошад.

Ба ҳар ҳол бисере аз журналистон дар вуҷуди хеш эҳсос мекунанд, ки касб дар ҳолати буҳронист. Иллат дар чӣст? Рақобат афзуд ва кушиши баргардондани мавқеъҳои устувори қаблӣ барои соҳибкасбон боиси гум кардани ҳиссаи бузурги ин бозор шуд. Аксар соҳибони расонаҳо аз

аҳли идораҳо бо маблағи  кам талаби кори бештар ва истеҳсоли  бештар доранд. Шароити кори бисёриҳо номусоидтар шуд, вале сарбориҳо офзуд. Гузоришҳои чандрасонаӣ ва қисман иштирок дар фаъолиятҳои марбут ба истеҳсолот бидуни ягон сармоягузорӣ ва омодасозии коргарони нав, ба ҳукми одат даромад. Баъзан ҳатто баръакс, аксар сомонҳои хабарсоз, ҳайати кориро ихтисор намуда, барои қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни иттилоот ва интишори он дар платформаҳои мухталиф, аз боқимондагон дархости дучанд кор карданро доранд
 Ҳарчанд теъдоди онҳое, ки вазифаи журналистро адо мекунанд дар болотарин авҷи таърихии хеш аст, вале ин афзоиш на аз ҳисоби рӯзноманигорони соҳаи телевизион ва радио, на аз ҳисоби редакияҳои расонаҳои чопист: мансабҳои қаблан маъмулро акнун ихтиёриён, муаллифони вебсомонаҳо ва дар корхонаҳои тиҷоратӣ  бошад, мутахассисони соҳаи таблиғ ишғол мекунанд  (American Census Bureau, 2009; American Society of Newspaper Editors, 2010; Mandel, 2010).  Гузашта аз ҳама рушди таҷҳизоти ҳушманд, афзоиши  тассавурнопазири таҷҳизоти мобилӣ, ки бо камераҳои навобардор муҷаҳҳазанд, журналистикаи шаҳрвандиро ба сатҳи нав таҳвил дод, мутаносибан ҳиссаи манбаҳои бепулро дар раванди ҷамъоварии афзуд. \
Гарчанд падидаҳо зикршуда барои рӯзноманигори мушкилоте ҷиддие ба бор оранд ҳам, таҳлили мо мушкилоти буҳрони даромаднокии  медиаширкатҳо ва  ба ҳамин наҳв мушкилоти буҳрони журналистикаро фаро мегирад.

Дар тамоми ҷаҳон журналистика бо кумаки  моделҳои мухталифи молиявӣ пуштибонӣ карда мешавад, аз ҷумлаи пардохту андозҳои  расмии давлат, реклама, хайрхоҳӣ,

краудсорсинг, обуна, пардохт барои тамошо  ва якҷоягии баъзе аз инҳо. Масалан, BBC дар Британияи Кабир ва TVE дар Испания телевизионҳои асосии ин кишварҳо дар эфирашон аз реклама худдорӣ мекунанд ва пурра аз ҳисоби андози махсус маблағгузорӣ мешаванд. Al Jazeera аз ҳисоби маблағҳои хонаводагии шоҳигарии Қатар фаъолият мекунад; дизайнер Миучча Прада рӯзномаи коммунистони итолиявӣ - l’Unita-ро солҳо боз сармоягузорӣ менамояд; бисёре аз телевизиону радиоҳои аврупоӣ аз ҳисоби реклама ва пардохтҳои андоз вуҷуд доранд. Ниҳоят, интернет имкониятҳои нав  ба медиааширкатҳо, хакерҳо, ҳам ба Wikileaks ва ҳам ба «раҳзанони иттилоотӣ» ва ҷуяндагони одии даромад  фароҳам меоварад.. Ҳамаи ин манбаъу шаклҳо муҳити табиӣ барои таҷрибагузаронӣ ва навоварист. Барои журналистикаи хуб КӢ бояд пул бидиҳад аз масъалаҳои ба ҳам омадани ҳолат ва имкониятҳои махсус аст.

## Журналистика  ҳамчун  манфиати ҷамъият

Агар журналистикаро ба сифати  манфиати ҷамъиятӣ баррасӣ намоем,  мо бояд ба он хидматҳое, ки ин касб ба ҷомеа  мерасонад ,назар андозем. Даромаднокӣ нахустин ҳадафи кори журналистӣ нест ва ин ҳам дар ҳоле ки истеҳсоли иттилооти муътамад, санҷидашуда ва таҳлили ҳодисаҳо барои фаъолияти дурусти ҷомеаи демократӣ аз хидматҳои зарурӣ маҳсуб мешаванд.

То он даме ки журналистикаи хуб дастрас боқӣ мемонад, то даме ки бо роҳу василаҳои арзонтар истеҳсол мешавад ( ба шарофати технологияҳо) ва аз ҷониби мабаъҳои алтернативӣ  ё  бизнесмоделҳои нав маблағгузорӣ мешавад, бухрони шаклҳои анъанави тиҷорати расонаӣ ва фаъолияти идоравии журналистика ба таври манфӣ ба манофеи ҷамъиятӣ муассир нахоҳад буд , журналистика чун  як

навъи фаъолият аз нигоҳи ҷамъият дар буҳрони воқеӣ қарор намегирад.

Бо роҳи таҷриба баҳо додан хеле мушкиласт, ки ба кадом андоза сифати журналистика дар ИМА ё худ дар сатҳи ҷаҳонӣ нузул кардааст. Бо вуҷуди  ин аломатҳои кофии шаҳодатдиҳанда, ки фишорҳои иқтисодӣ ба созмонҳои хабарсози анъанавӣ дар бархе ҳолатҳо ба шустани сарҳади меъёрҳои сифат ҳангоми истеҳсоли маводи журналистӣ оварда расондааст : кам кардани шумораи мухбирон бо кам кардани рубрикаҳо, камтаршавии нуқтаҳои назар дар матнҳо, камшавиии тафтиши далелҳо ва пастшавии сифати нақли  достонҳо…мавҷуданд. Агар ин равад идома ёбад, метавонад буҳрони журналистикаро муайян созад. Бо ин ҳол агар дар тақдири мо дидани таназзули сифати навигариҳои касбӣ бошад ҳам, дар айни ҳол  ин таъсири манфиро қисман пайдоиш ва рушди қолабҳои нави журналистика ба монанди журналистикаи шаҳрвандӣ ва журналистикаи додаҳо ҷуброн менамоянд.

Гарчанде норизояти журналистони анъанавӣ комилан фаҳмост( киро  кори зиёду музди кам писанд аст, ё шумораи аудиторияи теъдодаш кам?), вале дидани он бештар ҳузнангез аст, ки бисёре аз рӯзноманигорон дарвозаи имкониятҳоеро ба руйи худ мебананд, ки технологияи навин медиҳад, аз кумаки бедареғу ҳотамонаи шаҳрвандони фаъол даст мекашанд, дар ҳоле ки дуруст мебуд ин гуна ҳаракатҳоро ба гунаи шаклҳои тозаи ҳамкорӣ бояд сарварӣ мекарданд,  то  ба аудитория маҳсулоти босифаттар пешниҳод мешуд.

Барои гузаштан аз ин монеаҳо, ки ҳангоми риояи ин дурнамо   дучор меоянд ва ҷалби рӯзноманигорон ба омузишиҳо оид ба шеваҳои нави  ҳамкориҳо ва абзорҳои нави технологӣ, мо ба ҳуҷҷатикунони баъзе таҷрибаҳои нави журналистон, ки бо технологияҳо алоқамндӣ доранд, шуруъ намудем ва онҳоро ба се самти асосӣ тақсим

намудем:(1) назорат аз болои далелҳо/ ҳаводиси марбута ва қобилияти суоли дуруст ба одамони “дуруст” додан;(2) дарки мушоҳидаҳо ва масъалаҳо дар заминаҳои мухталиф: иттилоотӣ, ахлоқӣ, таърихӣ ва ғайра;.(3) шарҳи тафсири ин бозёфтҳо, ки баророи аудитория бо муваффақият кор мекунанд. Дар шабакаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ин се вазифа метавонанд чунин тавсиф шаванд: 1) ҷамъоварии маълумот, 2) шарҳи маълумот ва3) нақл оид ба маълумот

Агар журналистика аз мушоҳидаи далелҳо, суол додан, дарки ҷавобҳои мухотаб ва расондани маъниҳои гирифташуда то дигарон иборат аст, оё метавон тасдиқ намуд, ки касе кӣ аққаллан қисме аз ин вазифаҳоро иҷро мекунад, журналист аст? Ё журналист танҳо касест, ки ин вазифаҳои номбаршударо бо тартиби дар боло зикшуда ба хубӣ иҷро мекунад? Мо бар онем, ки дар шароити имрӯзаи технологӣ ва коммуникатсионӣ ҳар нафаре ки ин се вазифаро иҷро менамояд ба ин ё он дараҷа “журналист” аст, вале он маъмулан ин корро ба шакли инфиродӣ анҷом намедиҳад. Ба андозаи васеъ шудани фазои маълумот ва мураккабиҳое, ки тақозои таҳлил доранд ва муҳокимаи иттилоот журналистони ҳирфаӣ ҳарчӣ бештар ба ҳамкорӣ бо ҳирфавиёни соҳаҳои мухталиф ва журналистони шаҳрвандӣ барои мукаммал шудани марҳилаҳои ин вазифаҳо ниёз доранд. Дар соҳае “мутахассис” шудан ва ҳамкорӣ кардан дар оянда аз унсурҳои калидӣ барои сохтани маҳсулоти олидараҷаи журналистӣ мешаванд. Ин моро ба суйи мафҳуми васеи журналист мебарад, ки дар он бояд таҷрибаҳои нави гуногун ба ҳисоб гирифта шаванд, ки маҳз ба раванди таҳия иттилооти аризшманди асри 21 марбутанд.

Тибқи ин равиш журналистика тақдими содаи навигариҳо(хабарҳои рӯз,ҳафта,шаҳр ё кишвар) нест, балки

гуфтани ҳодисаҳои муҳим дар бораи он чӣ рух дод ва он чӣ рух хоҳад дод дар олам аст, фаҳмиши заминаҳои он аст, шарҳи ҳодисаҳо ва маълумот ба одамон аст ва бояд онҳоро дар қолабе пешниҳод намуд, ки истеъмолкунанда имкони аз он истифода бурдан дошта бошад(онро ҳифз кардан, дар иштирок гузоштан ва дар кори иттилоотии хеш итифода кардан тавонад). Журналисти хуби асри 21 сужаеро ҳикоя мекунад, ки бар асоси далел бунёд шудааст, аз олами воқеии атрофаш аст ва барои ин кор аз матн, сурат, овоз, абзорҳои визуалӣ кор мегирад. Сужаҳо чунон сохта мешаванд, ки муносибат ба онҳо барои одамон роҳат аст (муносибаташонро ба мухтаво муайян мекунанд), роҳат онро ба иштирок мегузоранд ва бо дигар роҳу васила аз он истифода мекунанд.

Журналистика шаклҳои гуногун мегирад ва барои ба аудитория расонидани маҳсули заҳматаш аз роҳҳои мухталиф истифода мекунад, аз ҷумла аз барномаҳои радиову телевизион, филмҳои мустанад, фотожурналистика,аёнигардонии додаҳо ва ғайраҳо. Бо чунин равиш,журналистикаи хуб дар сохтан ва тақвияти ҷомеаҳо мусоидат мекунад, гарчанд ин ҷомеаҳо на дар асоси ягон маҳали зисти ягона, балки бештар аз руйи манфиатҳои умумӣ бунёд мешаванд. Хуб, агар журналисти касбиро аз руй дастовардҳо, сатҳи дониш ва воситаҳои пардохти меҳнаташ тавсиф кардан нашавад, вале метавон тавассути иштирокаш дар дигар таҷрибаҳо,тавассути ҳаҷми ҳиссаи ӯ дар шарҳи маълумот оид муҳити олам шинохт, пас ҳамон таҷрибаҳои нав кадомҳоянд ки барои муайян намудани сатҳи журналист бароямон метавонанд асос шаванд. Мо аз мушоҳида бар таҷрибаҳои нав дар категорияҳои зерин шуруъ мекунем: гирдоварии маълумот

[data collection], шарҳу тафсир [interpretation], тарзи нақл [storytelling] ва интишори он [distribution].

Дар журналистикаи анъанавӣ интишор,яъне паҳн намудани хабарҳои нав, ҳамчун вазифаи журналист дониста намешавад.Он кори ношир, паҳнкунанадагон ва бозоршиносон аст. Алҳол, дар натиҷаи дигаргуншаваии рақамии расонаҳо раванди сохтан ва интишорро аз ҳам ҷудо кардан беш аз пеш мушкилтар мешавад. Хабар кай шунавонида мешавад, кай тадқиқот гузаронида мешавад, кай истеҳсол мешаванд( ба маънои телевизионӣ) кай аз ҷониби одамони зиёд ва дар ҷойиҳои мухталиф чоп ё нашр мешаванд, ба кӣ дастрас мешаванд, чӣ тавр зеҳни истеъмолгаронро фаро мегирад-инҳо бари журналистони зиёде дарди сар эҷод мекунанд.

## Таҷрибаҳо нави журналистика, ки тавассути технологияҳо мауайян мешаванд

Ин абзорҳои модели рӯзноманигорӣ, ки сарашон технология ҳоким аст, кадомҳоянд, ки талаботи иттилоотии шаҳрвандонро дар ҷомеаи шабакавии ҷаҳонӣ қонеъ месозанд? Баъзеяшон, вале на ҳама-ба интернет рабт доранд; баъзеашон, вале на ҳама, аз ҷониби журналистони ҳирфаӣ иҷро мешаванд. Дигар абзору моделҳоро дизайнерҳо, рассомон,хакерҳо, блогнависон, суратгирон, барномасозони компютерӣ, ходимони синамо ва ҳамчунин шаҳрвандоне истифода мекунанд, ки маъмулан дар бойгонии иттилоот оид ба олами моро фаро гирифта бемузд ҳисса мегузоранд.

## Абзорҳои нав таҷрибаҳои журналистика

Дар зер мо шарҳи ҷузъии абзорҳо ва таҷрибаҳоеро меоварем, ки имконияти нави фаҳмиши касбро пешниҳод менамоянд. Бо истифода аз ин таҷрибаҳо чун ҷузиёт, мо шояд, тавонем тарҳи  нави мушаххасоти журналистро тасвир намоем. Даъвати ҷорӣ ба рӯзноманигор на дар он аст, ки домани  устураҳои кухнаро раҳо накарда,  ба девори ҳозира такя кард,балки дар он аст, ки аз оянда  бояд нигарон буд, вале онро шахсан ва мустақилона бояд сохт.

1 . Журналистикаи шабакавӣ [networked journalism ]
 Журналистикаи шабакавӣ ба раванди қобилияти тақсимшуда байни саби  иттилоот, дар иштирок гузоштан ва паҳн намудани он мутааллиқ аст. Дар олами иттилоот ва иртиботот дар атрофи интернет мечарханд, симои журналисти гушанишин, ки дар танҳоӣ кор мекунад ё дар гушае аз идораи ахбор маскан гирифтааст, бебозгашт кухна шуд. Журналисти муосир унсури муҳимми(шуъбаи алоқа) шабака аст, ки барои ҷамъоварӣ, коркард ва интишори иттилоот истифода мешавад (Beckett & Mansell, 2008; Jarvis, 2006).
 То андозе метавон дар бораи он гуфт, ки типи нави мушаххасоти касбӣ– «журналисти шабакавикунонидашуда» шакл гирифта истодааст, ки дар навбати худ субъекти журналистикаи шабакавист.

Нақши қобилияти касбӣ, чӣ дар рафти гирдоварии иттилоот бевосита дар майдони рухдоди ҳодисаҳо ва чӣ дар муайян намудани маънии маълумоти ҷамъоваришуда, ҳануз ҳам омили муайянкунанда аст. Муаллифи хабар ва таҳлил будан қимати худро гум накардааст, вале ба дараҷаи муайяне алакай аз таҷрибаи шабакавикунонидашуда вобастагӣ дорад, ки он бастагӣ ба манбаъҳои журналист, шарҳу

тафсирҳо ва аксуламали ҷомеа дорад ва аксари ин вобастагиҳо бо кор тавассути интернет сахт алоқаманданд Таҷрибаҳои маъниофаринӣ маъмулан тавзеъшуда нестанд, вале онҳо ҳам  ба шакл ва табиати  шабакавии ҷамъоварии иттилоот ва санҷиши далелҳо такя мекунанд. Дар нуктаи муайяни раванд овози ягона-овози муаллифи хабар, ровии достон/сужет (инфироди буданаш ҳатмӣ нест, метавонад гуруҳи муаллифон боашанд) талаб карда мешавад. Натиҷаи журналистикаи шабакавӣ теъдоди зиёди муаллифони ба ҳам омада  аст. Барои манзур намудани образи журналистӣ шабакавӣ мо се  мисол меоварем.

А.

Дар Чин ва Ҳонгконг пас аз мавҷи худкушии коргарон, ки шомили ширкати   Foxconn буданд(  дар фабрикаҳои ширкат қисми зиёди iPhone, iPod, iPad истеҳсол мешавад), гуруҳи олимон, журналистон, намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ ва донишҷуён пайдо шуд, ки барои ҷустори шабакавии иттилооти муътамад оид ба ин ширкат муттаҳид шуданд. Дар ширкат тахминан  миллион нафар кор мекунад ва  садорати он якравона вуруди журналистонро ба муассиса иҷозат намедиҳанд. Донишҷуёни аъзои ин ҷомеаи шабакавӣ барои таҷрибаомузии тобистона ба ширкат омаданд ва маълумотро бевосита аз коргарон гирифта,  ба андозаи кофӣ расму наворҳо бароштанд. Маълумоти ҷамъоваришуда барои дигар аъзои шабака дастрас шуд ва метавонист барои таҳияи маводи инфиродӣ бо гирифтани иҷозати  ҷомаеаи шабакавӣ истифода шавад. Ва чунин ҳам шуд. Китобҳо, филми мустанад ва мақолаҳои акдемкӣ руйи кор омаданд. Масалан, филми кутоҳметражи коргардон Джек Сию- «Deconstructing Foxconn” намунае аз он аст.

Б.

Сабаби шӯриш дар Тунис дар моҳи декабри соли 2010.

Дар оғози шуриш Муҳаммад Буазизӣ, ба нишони ъэтироз алайҳи корманди мақомоти давлатӣ барои дахолаташ дар дукони сабзаҷотфуруши ӯ, худсузӣ кард. Ин амали эътирозӣ бо телефони ҳамроҳи арзонсифат наворбардорӣ ва дар шабака гунҷонда шуд. Аммо он «ролики сирояткунанда» нашуд,зеро дар Тунис ин шабака аз ҷониби ҳукумат баста шуда буд, вале навор ба дасти тунисиёни маскуни хориҷа расид, ки миёнашон Соми бин Ғарбия буд ва ӯ ба мониторинги муҳтавои интернети тунисӣ барои навиштани хабарҳои сиёсӣ ва мудирияти хабарҳо дар сомонаи nawaat.org машғул буд. Канали телевизионии Al Jazeera видеоро аз сомонаи nawaat.org гирифта дар нашри хабаре ҷойи дод, ки дар Тунис пахш мешуд. Ҳамин тавр барои бисёре аз тунисиҳо манбаи хабарӣ оид ба ҳодисаи фоҷиабори рамзӣ канали телевизиони Алҷазира шуд (Zuckerman, 2011).

B. Микроблогҳо дар Чин

Дар Чин микроблогҳо дар платформаи Weibo он манзалатеро доранд, ки дар ақсои олам Twitter дорад(воқеан он дар Чин баста аст). Қабл аз ҳама барои он ки дар он метавон иттилоотро ба иштирок гузошт ва ба суръати баланд паҳн намуд. Ба шарофати афзоиши босуръати теъдоди микроблогерҳо Weibo ба чӣзе шабеҳи «оҷонсии иттилоотии шаҳрвандӣ» мубаддал шуд, дар ҳолати ҳадисаҳои фасод ва моҷароҳои марбут ба шахсони расмӣ таваҷҷуҳро ҷалб менамояд.

2 . Краудсорсинг ва муҳтавои аз ҷониби корбарон таҳияшуда

Краудсорсинг ҳудуди журналистикаи мардумиро васеъ намуда, доираи бузурги таҷрибаҳоеро фаро мегирад, ки имконоти «ақли дастҷамъонаро» дар гирдоварӣ, тафтиш, нақли ҳодиса истифода мекунанд ё вазифаи интихобро дар истеҳсоли хабар иҷро менамоянд. Муҳтавои аз ҷониби корбарон таҳияшуда-сурат, навори овозӣ, видео, шарҳи матн ва дигар маводест, ки бо шарофати иштироки аудитория мавриди истифодаи ширкатҳои хабари ё сомонаи хабарӣ қарор мегирад.

Бозёбии иттилоот ва гиродоварии он аз ҷониби рӯзноманигорони мардумӣ имконияти донистани паҳлуҳои бешумори воқеъиятҳои тағйирёбандаро дар миқёси ҷаҳонӣ ва аз нигоҳи махсусиятҳои маҳалл даҳчанд афзун мекунад. Бо ин ҳама ин «порчаҳо»- ниёз ба тафтиши далелҳо,тасфияи онҳо ва бештар ба ташреҳ ва таҳлил доранд, то ки маънӣ ба даст оварда шавад, ҳарчанд ки ин вазифаро ҳам қисман метавон ба души краудсорсинг гузошт. Дар ҳақиқат дар шароити ҷараёни билофосилаи гузоришҳо (дар муқоиса бо шаклҳои қаблии сунатии расонаҳо), арзиши иловагие, ки журналистони касбӣ таъмин мекунанд, дар он аст, ки онҳо метавонад маълумотро ҳамгиро намоянд , бо замина таъмин созанд ва маънии тоза аз иттилооти ҷамъоваришуда истихроҷ (берун оваранд) намоянд.

Бисёре аз созмонҳои хабарсоз алакай фаъолона ба крудсорсинг ҷалб шуда, бо шеваҳои мухталиф аз маводи корбарон таҳиянамуда истифода мебаранд; метавон махсус пешсафии BBC и The Guardian-ро дар ин ҷода қайд кард. BBC дар Британияи Кабир бо краудсорсинг таҷриба мегузаронад ва баъзан ҳатто дар миқёси ҷаҳонӣ ҳам. «Утоқи хабарии корбарон» -и BBC дар Лондон, аз эҳтимол, бузургтарин таҷриба дар ин навъи журналистика бошад.

Журналисти пешбари  BBC UGC hub Сильвия Костельтой дар ин бораи ин таҷриба   чунин мегуяд:

«..дониши омма имрӯз ва алҳол бояд қисми таркибии ҳар навъ журналистика бошад. Ин албатта кашфиёти нав нест ва он аз он чӣ ки ба ин ё он дараҷа қаблан медонистем, пайдо шудааст. Ҳар корманди BBC аз имкони истифодаи манбаи иловагӣ хушҳол аст. Мо ҳеҷ гоҳ хабарро бидуни тафтиши дукарата дарҷ намекунем. Краудсорсинг яке аз роҳҳои бисёрест, ки  мо хабар месозем. Мо аз тамомои расонаҳои иҷтимоӣ барои дарёфти манбаъҳои иттилоот ва мӯроқибат аз инкишофи ҳодисаҳо истифода мебарем. Дар ҳар гушаи олам журналисте ёфт мешавад, ки дар бораи ҳодиса қудрати хабар додан, дошта бошад. Агар ман дар Твиттер сабти «Бетартибиҳои нав  дар Хакни»-ро бубинам ва онро танҳо дар сомонаамон бознашр кунам, ин хеле ҳам содалавҳона аст . Агар ман ташреҳоти афзояндаро дар дигар шабакаҳои иҷтимоӣ бубинам—ман имкони санҷидан ва тафтиши онҳоро пайдо мекунам  ва  кормандамро ба он ҷо мефиристам ва ин шеваи дурусти ҷалби шабакаҳои иҷтимоӣ дар фаъолияти касбӣ аст » (Costeltoe, 2011).

Намунаи хуби боз як ташкилоте, ки  кораш бо муҳтавои корбарон таҳиянамуда қобили зикр аст, телевизиони  Al Jazeera мебошад. Дар ҷараёни низои исроилиён бо фаластиниҳо дар соли 2009 дар қитъаи Ғазза, Al Jazeera ба бинандагони худ пешниҳод намуд, ки видео ва суратҳои ҳуҷуми исроилиёнро дарҷ кунанд ва  ии маводро таҳти муҷҷавизи Creative Commons дастраси ҳамагон кард, то ки маводи гирдоваришуда бо медиастратегияи уфуқӣ ва хуб тарҳрезишудаи Изроил рақобат карда тавонад. Паҳнкунандаи сартосарии арабӣ видеохостинги  сюжетҳои худашро дастгирӣ мекунад, ки барои бознашр аз ҷониби блогерҳо ва дигар  расонаҳо дар асоси литсензия Creative

Commons 3.0, такмил, коркард ва интишори минбаъдаро иҷозат медиҳад
(ниг.. http://cc.aljazeera.net/content/launch-press-release).
NOS, телевизиони ҷамъияти Нидерландия, аз краудсорсинг дар таҳияи хабарҳо дар доираи барномаҳои NOS Net истифода мекунад. Роҳбари ин барномаҳо Бас де Врис мегуяд:
«NOS Net — шабакаи одамонест, ки донишу таҷрибаашонро аз журналистони канали телевизион дареғ намедоранд. Лоиҳа бар он такя мекунад,ки бинанда/корбар аз ҳар журналисте бештар ва хубтар ин ё он мавзӯъро медонад. Дар олами шабакаҳои иҷтимоӣ, бо ин роҳ метавонем талоши норӯзноманигоронро муттаҳид намоем ва муҳовараро оғоз бубахшем. Мо онҳоро «шарикони хабарсоз»-и худ меномем. Бештар вақт онҳо бо як «ламс задани мушак» бо моанд. Мо хостори сохтани манбаи дониш ҳастем. Ҳамчун рӯзноманигор натанҳо мо, балки ҷомеа ҳам манфиат мегирад. Ҳадафи мо, чӣ дар Нидерланд ва чӣ берун аз он, таъмин намудани фаровонии нуқтаҳои назари гуногун аст»
( de Vries, para. 1—6).
Краудсорсингро баъзан дар қолаби wiki (wiki-формат) барои навистани ҳодисаҳои хабрӣ ё таҳрири сужетҳои аудиовизуалӣ бо кумаки онлайнмуҳарирон, ба монанди Stroome.com. истифода мекунанд.

Табиист ки яке аз шаклҳои краудсорсинг маблағгузории ҷамъиятии лоиҳаҳои журналистон, иштироки хонада-корбар-бинанда дар ҳалли масъалаи маҳз кадом мавзуҳо бояд таҳқиқ ва аз ҷониби журналистон бояд баррасӣ шаванд, ҳам ҳаст. Хусусан, дар шароите ки имконоти расонаҳо ё журналисти мушаххас маҳдуд аст. Намунаи хеле аҷиб дар ин бора дар ИМА Spot.us, вебсомона барои маблағгузории ҷамъиятӣ барои гузоришҳои муҳим ва

Kickstarter.com, як ҷамъияти густурда барои маблағгузории дастҷамъонаи лоиҳаҳои иҷтимоӣ, технологӣ ва фарҳангӣ ҳастанд.

3. Дарёфт, таҳлил, айёнигардонӣ ва харитасозии маълумот (додаҳо)
Ба сифати манбаъи иттилоот ва таҳлил имрӯз маҷмуи азиме аз додаҳои рақамӣ дастрасанд. Додаҳо метавонанд ҳамчунин абзоре барои ҳамзамон  таҳияи маводу мақолаҳо бошанд. Рӯзноманигорон  қобилияти беҳтар дар пайдо намудани роҳ ба муҳити иттилоотӣ доранд, то ки  ба барномасозон, дизайнеру хакерҳо мусоидат намоянд- ба онҳое ки дар соҳаи ифшо намудану ворид шудан ба иттилооти рақамӣ бо салоҳияти беҳтар муҷаҳҳазанд. Бо доштан як олам маълумот дар ихтиёри худ, рӯзноманигорон метавонанд ба он  таҳлил, замина, тафсир ва нақл оид ба маънии онҳо илова намоянд. Намунаи одӣ метавонад Wikileaks бошад.
 Албатта кушодани додаҳо ва дастарсии номаҳдуду идомадори иттилооти рақамӣ унсури муҳими бақои журналистика-чун унсури манофеи ҷомеа аст. Зарур аст ки рӯзноманигорон беш аз пеш дар масъалаи дарёфти додаҳо ва таҳлили онҳо дар асоси ҳамкорӣ бо коршиносон бояд донотар бошанд.
Баъзе донишу таҷрибаҳо аз соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ҳамчунин барои рӯзноманигор заруранд, то ки ба маълумоти сатҳи мушкилтар сарфаҳм равад. (Patterson & Lehman, 2012). Ҳар қадар ки мо жарфтар дар баҳри беканори иттилоот фуру равем, то он дам ҳеҷ маъние надорад, ки дар нисбаташ аз шеваҳои робита ва инфисол кор нагирем ва рӯзноманигорон миёнаравони асосии байни додаҳо, иттилоот, донишҳо ва таҷрибаҳои имҷтимоӣ боқӣ мемонанд. Аммо онҳо ин корро дар танҳоӣ анҷом додан

наметавонанд. Рӯзноманигорон дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ бояд олим шаванд?. На, зеро дар тафовут аз чунин олимон рӯзноманигорон ва ровиён ва аудиторияи зерҳадафашон қисме аз  ҷамоати олимон нестанд. Кори журналист дар сатҳи донистани далелҳо ва таҳлилашон хотима намеёбад. Ҳунари нақл кардани ҳодисаҳои муҳим ва  тавонмандии таҳлилӣ маҳз  бунлоди касби журналистӣ ҳастанд
Рӯзномаи  The Telegraph(Британияи Кабир) намунаи аввали чунин муносибатро пешкаш мекунад
Рӯзноманигорони Telegraph маҳсулоти пешрафтаи барномавии муътадилро барои ошкор намудани алоқамандӣ дар дохили ғарами ҳуҷҷатҳо(ҳисоботи аъзои парлумон оид ба хароҷоте ки дар доираи фаъолияти вакилашон анҷом додаанд) ки аз манбаашон дастрас намудаанд, истифода мекунанд; журналистон истифодаи маблағҳои намояндагиро пайдо мекунад, ки барои гирифтани молҳои ғайриманқул, пардохти хароҷоти шахсӣ ё қаллобӣ бо андоз сарф шудаанд (ниг.. http://parliament.telegraph.co.uk/mpsexpenses/home). Вақте парлумон дар ҷавоб ба иттиҳоми рӯзнома махфиятро аз руйи  боз 458 832 саҳифаи чунин ҳисоботҳо бардошт, рӯзномаи The Guardioтро ин базаи маълумотро  дар сомонаи худ дарҷ намуд ва аз тамоми хонандагон хоҳиш намуд,ки аз руйи масрафи дупутатҳояшон тадқиқот гузаронанд ва дар маҷмуъ  32 755  хонанда дар тадқиқот ширкат намуд
Намунаи амрикоӣ ҳам ҳаст, он истифодаи алгоритмҳои ҷамъоварӣ ва муқоиса иттилооти дастрас дар сомонаҳои идораи маҳалии политсия ва дигар хадамоти шаҳрвандӣ дар Чикаго аз ҷониби  Эдриан Головати аст. Дар оғоз ин лоиҳа дар доираи ChicagoCrim фаъолият мекард, баъдан то сатҳи агрегатори иттилооти маҳаллӣ ва хабарҳои  EveryBlock рушд кард (ниг.

www.holovaty.com/writing/chicagocrime/tribute ва http://chicago.everyblock.com).

Дар Шветсия Gapminder Foundation, як ТҒД-и аз ҷониби Ханс Рослинг дар соли 2005 таъсисёфтае аст, ки идеяи нигоҳ ба олами атроф тавассути далелҳоро тарғиб мекунад. Ин ташкилот абзорҳое таҳия менамояд, ки иттилооти омориро дар шакли ғанӣ ва диданбоб пешкаш менамояд. Ба қавли Рослинг Trendalyzer (функсияи барномаи Gapminder) барои корбарон зебогии додаҳои омориро ва алоқаи онҳоро бо замон нишон медиҳад. Фарзияи ҷории Trendalyzсоли 2006 ҳамчун Gapminder World, китобхонаи онлайнии омори ҷаҳонӣ дар соҳаи рушди байналмилалӣ мавҷуд аст. Соли 2006 Google онро- Trendalyzer-ро харида буд (см. http://www.gapminder.org/ about-gapminder). Ба ҳамин монанд, Datablog и Datastore дар сомонаҳои аёнигардонии додаҳоро барои ҳар кас имкон медиҳад (Rogers, 2011). Лоиҳаи америкоии One Million Dollar Block аёнигардонии (визуализатсияи) буҷетҳои шаҳриро аз зовияи маҳаллаҳои шаҳр пешниҳод менамояд (Wagner, 2005, para. 1).

Миёни дигар мисолҳо кори докторантии Лайло Ширин оид ба расонаҳо аз Донишгоҳи Калифорнияи ҷанубӣ қобили зикр аст. У таҳлили маъноии инқилоби Мисрро бо истифода аз додаҳои тавассути Твиттер ҷамъоваришуда анҷом додааст. Кори ба ҳамин монанд барои арзёбии муносибати омма ба ҳодисаву идеяҳое анҷом дода шудааст, ки дар рафти интихоботи соли 2102 ҷой доштанд Лоиҳаи Theyrule.net ба он равона шудааст, ки нишон бидиҳад чӣ тавр намояндагони синфи ҳоким аз тариқи таҳлили мукаммали шӯрои директорони ширкатҳои пешсафи америкоӣ ба ҳам алоқаманд ҳастанд. Дар лоиҳаи NomadicMILK рассоми ҳоландӣ- Эстер Полак аз додаҳои GPS-треккерҳо бари нишондони хати сайри шир дар Африко истифода мекунад

(Netherlands Media Art Institute, 2009). Қаблан ба ҳамин монад лоиҳаеро анҷом дода нишон дода буд, ки асоси панири ҳоландӣ шири дар Латвия истеҳсолшуда аст.

**4.** Видеожурналистика(журналистикаи визуалӣ)

Видео беш аз пеш матни хабариро ҳамчун манбаи асосии хабар, иваз менамояд. Матн, видео ва овоз бештару бештар дар нақли журналист бо ҳам омезиш меёбанд ва механизмҳои ҷустории дар пояи муайянкунии визуалӣ асосёфта донотару донотар мешаванд. Саводнокӣ дар истифодаи забони визуалӣ барои журналистон дорои аҳамияти бештар мегардад. Шарти муҳими касбият фаҳмиши беҳтари он мегардад, ки иртибототи визуалӣ чӣ тафовутҳо дорад. Таъмини фаъолиятҳои рақамӣ ҳангоми нақли визуалии ҳодиса хеле муҳим аст, зеро на танҳо бинандро ҷазб мекунад, балки дарки визуалии достонро ғанитар менамояд. Телевизионҳои муттасил барои ба ҳам омадани телевизион, интернет ва телефонҳои ҳамроҳ қадами ояндаанд. Журналистика беш аз пеш ҳамзамон визуалӣ ва матнӣ мешавад, бо порчаҳои видео, ки ба таври табиӣ ба мақолаи сомона ё ҳангоми такмили гузориши телевизионӣ аз тариқи унсурҳои матнӣ ворид мешаванд.

Намунаи чунин корҳои журналистӣ ба таври кофӣ вуҷуд дорад . Money & Speed: Inside the Black Box (2011), лоиҳаи интерактивие, ки VPRO Dutch Broadcasting сохтааст, ояндаи соҳаи молия ва савдоро(дар биржаи фондҳо ва арзҳо) таҳқиқ мекунад; филми мустанад дар мулҳақоти iPad- бастабандӣ шудааст ва аз додаҳои вақти воқеии биржа, маводи зиёди иловагӣ ва ишора ба дигар марҷаъҳо иборат аст. (ниг. http://itunes.apple. com/us/app/money-speed-inside-black-box/id424796908?mt=8). Prison Valley (Dufresne & Brault, 2011),

National Film Board аз Канда аз инкишофи филмҳои мустанади чандрасонаии интерактивӣ ба қадрӣ кофӣ фаъолона дастгирӣ менамояд, ки дар таҳияи онҳо журналистон ва киноматаграфистон даст доранд. Яке аз лоиҳаҳои бештар назаррас дар Канад  лоиҳаи Highrise (n.d.) аст, ки мауллаифон ба тадқиқоти «зиндагии амудӣ» дар шаҳрҳои дунё машғуланд. Дар ин барномаҳо радио, видео, блогҳо, филми мустанади классикӣ дар  чаҳорчуби як лоиҳаи онлайнии инкишофёбанда ба ҳам меоянд ).

## 5. Журналистикаи нуктаҳои назар

Шумораи бисёри фарзияҳои як достон/сужет- далели солимии ҳаёти рақамӣ дар шароитест, ки манбаъҳои гуногун, назарҳои мухталиф ва зовияҳои мутафовити пешниҳоди мавзӯъҳои  муҳим амалан дар платформаҳое чун YouTube  ё Flickr дастрасанд. Маъмулан,  одамон ба сифати манбаи хабарӣ аз плпатформаҳои гуногун кор гирифта, тахмин мекунанд, ки  риояи бетарафӣ ва холис будани журналист дар воқеъияти имрӯз ба мушкил боваркарданист. Барои хонанда ё бинанда муқоисаи фарзияҳои гуногун ё суратҳои худи ҳамон як ҳодиса, ки ҳадафаш маҳз дидани тафовутҳост, ба назар хеле одӣ менамояд. Истеъмолкунанда бар он андеша аст, ки ҳар иттилооте, ки то ӯ  мерасад, дар хидмати манофеи касе ҳаст. Ҳамзамон  қолабҳои хабарие, ки ҳамон мавзӯро дар чанд фарзия пешниҳод менамоянд, аз ҷониби аудитория ҳамчун «хабарҳои бештар ба ҳақиқат наздик» қабул мешаванд ва дар тамоми олам  мақоми болотар касб мекунанд (ниг.. the Middle East Broadcasting Center’s Kalam Nawaem, Global Voices, Metropolis TV). Қоидаҳои ҳаётан муҳими журналистикаи асри 21 аз воқеъият дида бештар ба шафоффият ва мустақил будан такя мекунад, агар  чун касб муҳим будан хоҳад.

Журналистика бо мавқеи  рушан дар муқоисаи бо матни бетараф, бештар қонеъкунанда  аст ва тасаввуре ҳаст, ки овоз ё видеои муносиб  гузошташуда, ки ифодагари нуқтаи назар аст, арзиши маҳсулотро дар назди истеъмолкунанд боло мебарад. Воқеан, истеъмолкунанда ниёз маҳз ба таҳлили дар асоси кори гузоришгарӣ бунёдёфта дорад, на ба андеша ё идология.

Ҳарчанд фаъолияти хабарнигорӣ метавонад дар шабака тавзеъ шуда бошад, вале таҳлилгарӣ ва ҳунари ровигӣ кори фардӣ-муаллифии журналист боқӣ мемонад. Маҳз дар ҳамин ҳунар арзиши воқеии касб, мақому манзалат нигоҳ дошта мешавад, ки дар асоси муътамад будани иттилоот ва қобилияти таҳлили он ҳангоми кофӣ будани сатҳи шаффофияти манбаъ ва заминаи дарёфти  иттилоот ҳосил мешавад.

Бояд ба таври алоҳида зикр кард, ки навгониҳо дар соҳаи технологияи дастгоҳҳои наворбардорӣ, ба маънои аслии калима «нуқтаҳои назар»-и навро таъмин менамоянд. Кучаксозии дурбинҳои наворгирӣ барои шаклҳои нави нуқтаи назари журналистӣ дар кори гузоришгарӣ ё сужетҳое мусоидат намуд, ки ба маънои томаш тавассути чашми муаллифи дар муҳити воқеӣ қарордошта ҳикоя мекунад.

Журналистикаи визуалӣ на танҳо аз тариқи камераҳои махфӣ пуштибонӣ меёбад,  (чунон ки оид ба  Foxconn зикр шуд), балки нақли рақамӣ метавонад аз гунаи эффектҳои гуногун барои фардикунонии нуқтаи назарҳо  истифода шавад. Ҳамин тавр видеои панарамавӣ ба   360° ё 3D-камераҳо сатҳи баланди иштироки бевоситаро дар маҳалли ҳодиса, ки қаблан  ғайримкон буд, таъмин менамоянд

Намунаҳои истифодаи ин идеяҳо ва технологияҳоро дар бисёр кишварҳо пайдо намудан мумкин аст . BBC  бо истифодаи муҳтавои амали аскарон дар майдони ҷанг таҷрибаи « гузориши  нуқтаҳои назар»-ро таҷриба кард

(ниг. http://www.bbc. co.uk/journalism/blog/2011/06/our-war-use-of-the-soldiers-vi. shtml). CNN  пас аз заминҷумбӣ дар Ҳойити  аз камераҳои 360°- истифода намуд (см. http://edition.cnn. com/interactive/2010/01/world/haiti.360/index.html).

Роб Спенс коргардони синамо аз Канада, ки аз чашмиросташ соли 2006 маҳрум шуда буд,  аз дӯсти муҳандисаш Коста Грамматиса хоҳиш кард, ки барояш камераи хурде бисозад, ки  дар косохонаи чашми набудааш ҷой бигирад. Камера бо батарея пайваст шуда ва  ҳаракати«чашми» камера бо чашми солим  ҳамсон шуда аст ва фиристандаи бесим дорад ,ки тасвирро ба монитор интиқол медиҳад (ниг. http://www.bbc.co.uk/news/ health-14915281). Google Earth  ҳамчунин ба номгуи воситаҳои тамошои замин абзорҳои журналистикаи визуалиро илова намуд.. BBC сериали Britain From Above (ниг. http://www.bbc.co.uk/programmes/b00d23yx), -ро сохт.ки дар бораи кишвар ҳикоя карда, танҳо тасвирҳои аз ҳаво бардошташуда, суратҳои  аз кайҳон гирифтаи Google ё додаҳои аёнигардонидашударо, ки махсус барои ин сужетанд, нишон медиҳад.

«Журналистикаи иштироки бевосита» ба имконияти дидани ҳодиса аз нигоҳи шахси аввал такя мекунад ва махсусан вақте аҷиб аст,ки порае аз маводи визулӣ  мавҷуд нест ё дастрасӣ ба он ғайримкон аст. Ҳамчунин «журналистикаи ҳузури бевосита» ҷазби бинандаро афзоиш медиҳад, зеро онҳоро зарур меояд, ки дар муносибат ба ҳодиса ва қаҳрмонони он ҳисси ҳамдардӣ ва шарикӣ зоҳир намоянд.

**6.** Журналистикаи автоматикишуда

Чор панҷ соли охир лоиҳаҳоеро мушоҳида менамоем, ки дар онҳо робот-краулерҳои барномавӣ, ки тавонӣ шинохтан ва

гирифтани прес-релизҳо ва хабарҳоро аз ҷарёни иттилоотии манбаъҳои гуногун доранд ва ҳамчунон «руйнавис кардан», «бастабандӣ намудан» ва дар шабакаҳо паҳн намудани онро «меомузанд». Баъзе ширкатҳои хабарсоз, масалан, Forbes, ин барномаро истифода мебаранд, зеро суръати интишори хабарҳо барои бозорҳои молиявии ҷаҳон хеле муҳим аст( одамон бо роботҳо дар ин маврид қобили муқоиса нестанд).. Ҳолатҳои муваффақи истифода аз ин роботҳо дар гузоришҳои варзишӣ дида мешавад (масалан,http//statsheet.com).

The New York Times  барои каму беш ба низоми автомати даровардани эълони ҷашнҳои арусӣ, ки дар рӯзнома нашр мешаванд, аз технологияе истифода мекунад, ки « Web-и маъноӣ»  номида мешавад. Дар ин мисолҳо унсури таҳлилии журналистика нақши худро, пеш аз ҳама дар ороиши барномаҳои таҳлили муҳтаво мебозад, ки онҳо асоси ташаккулёбии ҳар гуна навъи «роботҳо»-анд. Тадриҷан маълум мешавад, ки дар баробари рушди журналистика автоматишуда, ки вазифаи асосиаш,ба гумони ғолиб, ҷамъоварии додаҳо хоҳад шуд, беш аз пеш омилҳои шарҳу тафсир, таҷзия ва таҳлил ва нақли босифати  ҳодиса тақвият меёбад.

## 7. Журналистикаи ҷаҳонӣ

Дар замоне ки ширкатҳои телевизионӣ дафтарҳои худро дар хориҷ аз кишвар мебанданд, технологияҳои нав зуҳури  вақеан  аслии манбаъҳои иттилоотии ҷаҳониеро пуштибонӣ мекунанд, ки дар асоси  фаровонии нуқтаҳои назар ва гуногунии фарҳангии  манбаъҳо  мавҷуданд. Баробар ба рушди технология  тарҷумаи автоматӣ ва афзудани ҷомеаҳои  ихтиёрии тарҷумонҳо ин  низомҳо паҳншавии  ҷаҳонии хабарҳоро аз  як кишвар ба кишвари дигар пуштибонӣ мекунанд. Ба гунаи миссол метавон аз

инҳо: Global Voices (http://globalvoicesonline.org), Global Post (http://www.globalpost.com), Metropolis TV ( http://www. metropolistv.nl/en), VJ Movement ( http://www.vjmovement. com/about), Associated Reporters Abroad (ARA; http://aranetwork.com), Africa Interactive (http://www.africa-interactive. com), Chimurenga ( http://en.wikipedia.org/wiki/Chimurenga_ (magazine)) и TED Open Translation Project ( http://www.ted. com/OpenTranslationProject), ёдовар шуд

Иттиҳодияи барномапаҳкунандагони Аврупо (The European Broad– casting Union), ки аз 85 созмон-расонаҳои миллӣ дар 56 давлат иборат аст, дар садади он аст,ки оператори домени .radio гардад, то ки ҷомеаи умумии радипаҳнкуандагони ҷаҳониро таъсис намояд. Дархост барои ин домен ҳамчунин аз ҷониб 7 ассотсиатсияи ҳамсон дастгирӣ ёфта аст, ки дар маҷмуъ бо иқтидори фарогирии аудиторияе бо 5,5 млярд шунаванда ва бештар аз 50 000 радио метавонад арзи вуҷуд намояд.

Журналистика бо суръати интернет

Интернет ва дигар шабакаҳои рақамӣ идораи ахборро, бо истифода аз шабакаҳои телекомуникатсионии глобалӣ,дастрасӣ ба интернети фарогир, алоқаи бесим ва имконияти доимии алоқа ҳамчун абзори ин дигаргуниҳо,тағйир доданд.

Шабакаҳо ҷарёни бефосилаи иттилоотро таъмин менамоянд, ки бояд дар ҷояш коркард шавад ва натиҷаи ин коркард бояд ба таври доимӣ достонро(хабарро) илова ва аз нав бинависад. Кори босуръати интернет қоидаҳои асосии журналистикаро бекор намекунад, вале ҳамаи ин дар маҷмуъ таҷрибаи дар касб одатшударо мушкил мегардонад. Ҳар қадар ҳаҷми бештари иттилоот коркард шавад, ҳар қадар зудтар сурати воридшавии хабар ба истеҳсолот сурат бигирад, ҳамон қадар вақти камтар барои таҳлил ва нақлии сюжет мемонад. Рушди технология, дар навбати худ,

таҷрибаи бисёр журналистони касбиро тағйир медиҳад ва ба таври ҷиддӣ сари мактабҳои рӯзноманигорӣ фишор меоварад, зеро хамкунандагони онҳо бояд ҳамзамон ҳам ровиёни хуб, олимони соҳаи фанҳои иҷтимоӣ ва аз ҷиҳати фанноварӣ  операторони ба коргарди додаҳои бешумор омода бошанд.
 Масъала он аст, ки қисми ками (журналистони амалӣ) рӯзноманигорон тавони ба ин сатҳи баланди маҳорату малакаҳо ва донишҳо расидан доранд. Инак, онҳо бояд ҳам мутахассиси як бахши истеҳсоли журналистика бошанд ва ҳам тавони якҷоя бо дигар мутахассисин кор кардан дошта бошанд (раванди сохтани расонаҳои нав). Агар ин рух надиҳад журналистон ба таври доимӣ ба фоидаи хидматгузориҳои роботикунонидашуда, ки корашон ҷамъварии маъмули хабарҳост, ё ба нафъи журналистони мардумӣ, ки бо этибори эҳтимолияти бештари шумора метавонад  ҳамеша  аз ҳодисаҳои ҷаҳони атроф хабар расонанд, « ҷойиҳои кориро аз даст диҳанд». Арзиши иловагии журналистони касбӣ, чунон ки мебинем, бори дигар дар атрофи қобилияти  доштани таҳлил  ва қобилият шабака сохтан, сурат мегирад. Дар « оркестри иттилооотии оянда» рӯзноманигорони касбӣ бояд ба ҳайси дерижер бошанд, на «яккахони хабарҳо». (Bozokswky, 2008).
 Сурати журналистика ҳамчун шеваи фаъолият дар вазъияти суръат гирифтани истеҳсоли навигариҳо ба таври муттазод сустар мешавад.. Азбаски барномаҳои телевизионӣ ва мақолаҳои хабарӣ ба тарври автоматӣ дар интернет нигаҳдорӣ мешаванд, воқеан ҳам қисми бойгонии рақамӣ ҷаҳонӣ мешаванд. Бисёр достонҳо/сюжетҳо дар ҳар лаҳзаи замони оянда  ва дар ҳар гушаи олам чун намуна дар дастрасӣ қарор хоҳанд гирифт. Низомҳои ҷусторӣ дар як они воҳид таҷаммуъ мешаванд ва  аз нав коркарди

инфиродиро, мутобиқ ба шавқу рағбати шумо бароятон, таъмин менамоянд. Ин имкони фарорасанда арзиши журналистро ҳамчун манофеи ҷомеа ба маротиб меафзояд, зеро корбарон аз қолаби диктатории «хабарҳо аз руи тартиби замонӣ» озод ва акнун метавонанд  маҳсулоти журналист омода намударо дар вақту ҷой илхоҳаш ба даст биоварад. Барои журналистон ин маънои онро дорад, ки онҳо натанҳо хабари ҳамин лаҳзаро бозгуӣ мекунанд, балки воқеан « барои абад» кор мекунанд.

Дастрасӣ ва беҳтарсозии ҷустори маҳсули кори журналистӣ махсусан барои онҳое суд дорад, ки ба таҳсилот машғуланд, барои онҳое, ки намунаҳои хуби журналистикаи таҳлилиро вориди курсҳои худ менамоянд. Бо гузашти вақт мантиқи базаи додаҳои доимӣ(маҳсулоти рӯзноманигорӣ) ба гумони ғолиб тавре рушд меёбад, ки муаалиф  ояндаи кори худро бо тасаввури  ҳолати мавҷудияти он дар бойгонӣ, пешопеш тарҳрезӣ  (Anderson, 2006)мекунад..Мо метвонем фарз кард, ки қисми бештар ҳабарҳои сариъ автоматӣ кунонида хоҳанд шуд, чунон ки алҳол бо хабарҳои молиявӣ руй додааст ва журналистон метавонанд тавонмандии худро дар ташреҳ, таҳлил ва сифати  нақли достон ба харҷ диҳанд, ки дар натиҷа имкон медиҳад тағйиротҳои асосӣ ва носуръатталаби ҷомеа инъикос ёбанд.

## Дар хотима: бозгашт ба оянда

Имрӯз, чун дирӯз ва қатъан дар оянда  кафолати бақои журналистика ба ҳайси як манфиати ҷомеа дар истиқлоли воқеии  ин касб аст. Мо таъйид мекунем, ки истиқлол, ҳар қадр ки имрӯз  таҳти фишорҳо ва шароитҳои гуногун  қарор гирифтани журналистон ва журналистика зери шубҳа гузошта нашавад, метавонад дар вазъи асри рақамӣ таҳким ёбад.

Қабл аз ҳама ин таҳкимёбӣ барои он имконпазир аст, ки фарҳанг ва технологияи интернет чун «платформаи озод» сохта шудааст, ки барои манфиатдорон ҷорӣ намудани сензураро мушкил менамояд. Сензура бо назардошти табиати гардиши глобалии иттилоот ва боз будани система мушкил аст. Ҳатто дар ҳоле ки давлатҳои алоҳида, мисли Ирон ва Чин, сензура ҷорӣ мекунанд ва дастрасиро маҳдуд менамоянд, системаи табиатан шабакавӣ ва кушода роҳҳои расонидани хабарҳои «ногувор»-ро ба истеъмолкунанда пайдо мекунад (Castells, 2009).
Сониян, теъдоди бешумори рӯзноманигорони мардумӣ гузориш, сурат, андеша ва иттилоот пешниҳод намуда, барои таҷрибаи журналистӣ васеъ намудани мавзӯъҳо ва афзоиши манбаъҳои гуногунро имконпазир менамоянд. Солисан, таҷрибаҳои нави журналистика ба бисёр будани фарзияҳои ҳамон як хабар мебаранд. Имкони маҳдуд намудани инъикоси ҳодиса, бо пешниҳоди танҳо як нуқтаи назари расмӣ ва пешопеш истино намудани гунаҳои дигар, вуҷуд надорад. Тарғибот аз гузориши воқеӣ, мутааддид будани фарзияҳои гузориш, ки дар платформаҳои мухталиф тақдим мешавад ва қаллобии сиёсӣ ё идеологиро фош мекунанд, фарқи калон дорад.
Гузашта аз ин ҳануз ҷомеа дар баробари маҳорат ва малакаи касби нақли ҳодиса, ба сохтани андеша, маънӣ- коркарди ҳирфавӣ ва фаҳмиши васеи иттилоот ниёз дорад. Ба назар мерасад, ки бо чунин далелҳо таҷрибаи журналистикаи касбӣ метавонад сатҳи балантар ва мухториятро ишғол намояд. Иттилоот- амалан ҳама гуна иттилоот-имрӯз озод аст. Андешаҳои субъективӣ фазоро пур мекунанд. Аз тарафи дигар журналистикаи касбӣ бояд ба он машғул шавад, ки аз манбаҳои зиёд маъниҳои барои ҷомеа матлубро дарёфт намояд. Табиист ки дарёфти маънии матлуб моли

инҳисории  журналистон нест, вале  агар журналистони касбӣ маҳз сари ин вазифа тамаркуз намоянд ва маҳз ҳамон дар маркази низоми таълими касбӣ ва низоми идоракунии ҷараёни хабарҳо қарор бигирад, «дарёфти маънӣ» барои бақои ниҳодҳои журналистӣ ва нақши онҳо дар ҷомеа нақши муассир дорад

Теъдоди умумии иттилооти дастрас бо сураъати баланд зиёд мешавад, ҳамзамон баъзе соҳаҳо, аз он ҷумла шаклҳои нави иттилоот, барои инъикоси муносиб хеле мушкил мешаванд. Ин ишора ба он аст, ки мо ҳар чӣ бештар ба суйи тахасусгардонӣ дар дохили журналистика мувоҷеҳ мешавем. Ғарами бузурги додаҳо донишҳои махсусро  барои дарёфти маънӣ  ва шарҳи онҳо талаб дорад. Бешубҳа, ба журналистон барои сарфаҳм рафтан ба он ҳамкорӣ бо коршиносон(барномарезон,дизайнерҳо ва хакерҳо) мусоидат мекунад ва маҳз ҳамин ҳамкорӣ барои «бардоштани ҳосил» дар интернет кумак мерасонад. Барои тоб овардан бо рақобати афзоянда ва ҷалби таваҷҷуҳи  аудитория дар шароити итилооти беҳаду ҳудуд, қобилияти ровии хуб будан ҳам маҳорату малакаҳои махсус ва шеваҳои хоси рушди истеъдоро талаб дорад. Агар «далелҳо» метавонанд ба майдони иттилоотӣ аз ҷониби журналистони мардумӣ ва барномаҳои технологӣ оварда шаванд, пас журнлистика метавонад ва бояд аз ин кори маъмулӣ озод бошад. Ин имкон медиҳад, ки журналистика ба ташреҳ, заминасозӣ, «кашида гирифтани маънӣ ва оре, гузориш-чун шеваи ҳисоботи шахсӣ  дар бораи он чӣ ки журналист мебинаду мешунавад, тамаркуз намояд

Дар он замон, ки мо тахассӯро чун тақсими  журналистика мутобиқ ба марҳилаҳои раванди истеҳсолот тасаввур менамоем, мо ҳамчунон ниёз ба афзоиши тахассусро дар навъхои муайяни муҳтаво ва бахшҳои донишҳо мебинем..

Барои гузоришгари касбӣ будан дар чунин бахшҳо: нанатехнология, биоинформатика, технологияи молия, амнияти давлатӣ ё дин омодагии махсус ё ҳадди аққал донишҳои кофӣ дар ҷода лозим аст. Ҳарчанд интернет ғановати беназири иттилотии бесобиқаро пешниҳод намояд ҳам, кам нестанд донишҳое, ки ҳануз дар базаи додаҳояш манзур нашудаанд ва мавҷудияти интернет ба ҳеҷ ваҷҳ «журналистикаи дасти аввал»- шоҳиди касбии ҳодисаро, ки решаи журналистикаи босифат аст, инкор намекунад.
Дар ҷамъбаст мо метавонем гуфт: дар ҷомеаи шабакаи глобалӣ ҳатмӣ нест,ки журалистон ба дараҷаи баробар барои он омода бошанд, ки ҳар се вазифаи асосӣ ва анъанавии журналистикаро адо кунанд. Баъзеҳо қобилияти гирдоварии далелҳо ё пайдо намудани тасвирҳоро доранд, дигарон додаҳои ҷамъовардаро беҳтар шарҳ медиҳанд ва саввумиҳо метавонад дар асоси фактҳои дигарон ҷамъоварӣ намуда ё дарёфти маъниҳо, дар таҳияи маводи ҷолиб ва ҷаззоб тахассус дошта бошанд. Вале ҳамчун шабака амал намуда, мо метавонем сарчашмаҳоро беҳтар намоем ва дар якҷоягӣ ба афзоиши самаранокии кор ноил гардем, ки дар натиҷаи он сифатҳои нави эҷодӣ ҳосил мешаванд.

Журналистикаи шабакивӣ дар асри рақамӣ таҳдид ба истиқлол ва сифате нест, ки дар бунлоди касб нуҳуфта аст, балки имкони раҳоӣ ёфтан аз назорати шадиди корпоративӣ аст. Ин имконият барои рушди қобилиятҳоест, ки бештар самаранок анд ва ин имконият барои манфиат бардоштани ҷомеа аст, ҳам аз ҷараёни бефосилаи иттилоот ва ҳам аз иқтидори касби мо дар дарёфти маънӣ ва таҳияи шарҳу тафсири муҳим дар оламе, ки беш аз пеш аз ваҳшонияти иттилоотӣ ранҷ мекашад.

Руйхати адабиёти истифодашуда

American Society of Newspaper Editors. (2011). Newsroom employment up slightly, minority numbers plunge for third year. Retrieved from http://asne.org/article_view/articleid/1788/ newsroom-employment-up-slightly-minority-numbers-plungefor-third-year.aspx.

American Census Bureau. (2009, September). Current population survey.

Anderson, C. (2006). The long tail: Why the future of business is selling less of more. Retrieved from http://www.wired.com/ wired/archive/12.10/tail.html.

Arsenault, A., & Castells, M. (2008). The structure and dynamics of global multi-media business networks. International Journal of Communication, 2, 707—748.

Beckett, C., & Mansell, R. (2008). Crossing boundaries: New media and networked journalism. ICA Communication, Culture & Critique 2008. Retrieved from http://eprints.lse.ac.uk/4221.

Bozokswy, P. (2008). Digitizing the news. Cambridge, MA: MIT Press.

Castells, M. (2009). Communication power. New York: Oxford University Press.

Costeltoe, S. (2011, November 26). Q&A: BBC’s UGC Hub Part 1. Retrieved from http://startcrowdsourcing.com/tag/ crowdsourcing.

de la Pena, Weil, P., Llobera, J., Giannopoulos, E., Pomés, A., Spanlang, B. et al. (2010). Immersive journalism: Immersive virtual reality for the first-person experience of news. Retrieved from http://s3.amazonaws.com/publicationslist.org/data/melslater/ ref-204/ImmersiveJournalism_PresenceFINALforPublication. pdf.

de Vries, B. (2011, November 30) NOS Net: The
ultimately crowdsourcing platform. Retrieved from http://startcrowdsourcing.com/nos-net-the-ultimate-crowdsourcingproject.
Dufresne, D., & Brault, P. (2011) Prison Valley. (Web documentary) in Cañon City, Colorado, U.S.
Gaza Sderot: Life in spite of everything. (2009). [Documentary film]. Available at http://gaza sderot.arte.tv.
Garcia de Madariaga Miranda, J. M. (2008). El periodismo en el siglo XXI. Una profesión en crisis ante la digitalización. Mexico:
Dykinson.
Gluck, M., & Roca, M. (2008). The future of television: Advertising, technology and the pursuit of audiences. Los Angeles: University of Southern California.
Grueskin, B., Seave, A., & Graves, L. (2011). The story so far: What we know about the business of digital journalism. New York: Columbia Journalism Review Books.
Henneke Hagen, H., & de Putter, J. (Eds.). (2011). Money and speed: Inside the black box. [Documentary film].
Highrise. (n.d.). [Documentary film]. National Film Board of Canada. Retrieved from http://highrise.nfb.ca.
Hilbert, M., & López, P. (2011). The world's technological capacity to store, communicate, and compute information. Science, 332(6025), 60–65. DOI: 10.1126/science.1200970.
Jarvis, J. (2006, July 6). Networked journalism. Retrieved from http://www.buzzmachine.com/2006/07/05/networkedjournalism.
Kaye, J., & Quinn, S. (2010). Funding journalism in the digital age. New York: Peter Lang.
Kuhn, V. (2011). Filmic texts and the fifth estate. Retrieved from http://scalar.usc.edu/anvc/kuhn/users/5.

Mandel, M. (2010). Mandel on innovation and growth. Retrieved from
http://innovationandgrowth.wordpress.com/2010/07/30/ the-evolution-of-the-journalism-job- market.
McChesney, R., & Nichols, J. (2010). The death and life of American journalism: The media revolution that will begin the world again. Philadelphia: Nation Books.
Mersey, R. D. (2010). Can journalism be saved? Rediscovering America’s appetite for news. New York: Praeger.
Meyer, P. (2006). The vanishing newspaper: Saving journalism in the information age. Columbia, MO: University of Missouri Press.
Netherlands Media Art Institute. (2009, February 3 — April 30). NomadicMILK exhibition by Esther Polak. Retrieved from http://www.artslant.com/ams/events/show/40822-nomadic-milk.
Patterson, T., & Lehman, N. (2012). In Pew, State of the News Media (2012) and
http://journalistsresource.org/reference/research/ knowledge-based-reporting and http://journalistsresource.org/ reference/research/nicholas-lemann-journalism-scholarshipreporting.

Pew Research Center Publications. (2012). The State of the News Media 2012. Available at http://pewresearch.org/pubs/2222/news-media-network-television-cable-audioo-radiodigital-platforms-local-mobile-devices-tablets-smartphonesnative-american-community-newspapers.
Qiu, J. (2010). Deconstructing Foxconn. [Short film]. Retrieved from http://vimeo.com/17558439
Rogers, S. (2011). Facts are sacred: The power of data (Guardian shorts). Cambridge, UK: Guardian.
Rosling, H. (2011). Blogs about stats. Retrieved from http://blogstats.wordpress.com/tag/hans-rosling.
Rossi, A. (2011). Page one: Inside The New York Times. [ Documentary film ].
Wagner, P. (2005, January 25). Prisoners of the census. Retrieved from http://www.prisonersofthecensus.org/news/2005/01/24/ cadora
Wakefield, J. (2011). 3G mobile data network crowd-sourcing survey by BBC News. Retrieved from http://www.bbc.co.uk/news/business-14574816.
Zuckerman, E. (2011). What if Tunisia had a revolution but nobody watched? Retrieved from http://www.ethanzuckerman.com/blog/2011/01/12/what-if-tunisia-had-a-revolution-butnobody-watched.